# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷӯраева Замира Гулямовна дар мавзӯи "Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду)**

Адабиёти нимаи дувуми қарни нӯздаҳум ва бистуми урду ҷойгоҳи барҷастае дар миёни адабиёти чандзабонаи Шибҳи қораи Ҳинд дорад. Аз манобеи ғании адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳиндиву санскритӣ ва ҳамчунин ақвоми мухталифи Ҳинди бостону муосир тағзия мешавад. Бисёр жанрҳои адабӣ бидуни тағйир дар шаклу амалкарди адабиёти тоҷикии форсӣ вориди адабиёти урду шудаанд. Бино бар ин доманаи мубоҳиси матраҳшуда дар ин адабиёт бисёр густурда аст.

Лозим ба зикр аст, ки барои аввалин бор дар мутолиоти ҳиндшиносии тоҷик такомули жанри ҳикояи урду ва пешрафти он дар шакли монографӣ ба таври дақиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар айни ҳол, пешинаи пайдоиши жанри ҳикоя ва ҷузъиёти пешрафти он ҳамроҳ бо кори нависандагон таҳқиқ шуда, дар ин замина, вижагиҳои аслии жанри ҳикоя мушаххас мешавад.

Ҳамчунин иқдоми аввалин шудааст, то ки нақш ва ҷойгоҳи жанри ҳикоя дар раванди тавсеаи насри ҷадиди урду мушаххас мешавад. Ин рисола маҷмӯае аз ровиёни урду дар мавриди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва сарнавишти мардуми Ҳинд ва тааммуле дарояндаи онҳоро баррасӣ ва арзёбӣ мекунад, ки аз бисёр ҷиҳот бо мавзӯоти аслии насри муосир дар иртибот аст.

Аҳаммияти назарии ин диссертатсия ин аст, ки метавон аз натиҷагирии он дар мутолеаи оянда такомули жанри ҳикоя дар насри урду ва таърихи адабиёти урду дар ин давра истифод кард.

**Муқаддима** иртиботи мавзӯи таҳқиқ, мизони таҳқиқ, ҳадаф ва мавзӯи таҳқиқ, мавзӯоти мавриди баррасӣ, аҳдофи таҳқиқ, тозагии илмии ҷадид, аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ ва мавзӯоти мавриди дифоъро баён мекунад.

Боби аввали диссертатсия ба унвони "**Насри урду ва заминаҳои таърихӣ-адабии пайдоиши он**" шомили се фасл аст, ки фасли аввали он бо унвони "**Таърихи ташаккули наср ва унсурҳои жанрии ҳикоя дар адабиёти урду**" аст. Ин фасл шаклгирӣ ва пешинаи жанри ҳикояро баррасӣ мекунад. Яке аз аслитарин вижагиҳои адабиёти Ҳинд ҳикояи кӯтоҳ аст, ки баъдан бар адабиёти Осиёву Аврупо таъсир гузоштааст.

Фасли дувуми боби аввал мусаммо ба **“Коллеҷи Форт Уилям ва саҳми он дар густариши ҳикояҳои урду”** аст ва ин фасл ба саҳми коллеҷи мазкур дар тавсеаи адабиёти урду мепардозад.

Фасли севуми боби аввал бо унвони **“Романнигорӣ ва таъсири он ба жанри ҳикоя”** аст ва мавзӯи ин фасл ба тавсеаи наср дар адабиёти урду, ба вижа жанри роман дар натиҷаи таъсири ин жанр дар пешрафти жанри ҳикоя ихтисос ёфтааст. Дар диссертатсия ишора шудааст, ки агар қабл аз оғози қарни нуздаҳум дар адабиёти урду шеър бештар ғолиб шавад, доманаи истифода аз наср низ густариш меёбад.

Боби дуюми диссертатсия бо унвони **“Вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва зуҳури тамоюлоти нав дар ҳикояи уруди оғози садаи XX”** аст, ки шомили се фасл мебошад. Фасли аввали ин боб **“Таъсири таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоии садаи XIX ва ибтидои садаи XX ба афкори адабӣ”** номгузорӣ шуда, ба вақоеи сиёсӣ ва иҷтимоии қарни нӯздаҳум ва авоили қарни бистум ва таъсири ин ҳаводис дар рушди андешаи адабии Ҳинд, ба вижа адабиёти урду ихтисос дорад.

Дар фасли дуюми боби дувум - **“Масъалаи пайдоиши ҳикояи ҷадид дар адабиёти урду”** – авомили зуҳури ҳикояи ҷадид ва мавзӯоти он баҳс шудааст. Жанри ҳикоя дар адабиёти урду беш аз як қарн собиқа дорад. Дар тӯли ин муддат ҳикоя чандин давраро пушти сар гузоштааст: давраи романтизм, давраи адабиёти мутараққӣ, давраи модернизм ва давраи муосир. Нависандагоне ҳастанд, ки ибтидо таҳти таъсири романтизм қарор гирифтанд ва сипас шурӯъ ба навиштани асарҳои реализм карданд.

Фасли дувуми боби дувум **“Романтизм дар ҳикояи урду”** ном дорад ва дар ин фасл оғози раванди романтизм ва пешрафти он дар жанри ҳикоя баҳс шудааст. Дар ин қисмати диссертатсия ишора шудааст, ки оғози ҷунбиши романтизм дар адабиёти урду ба авохири қарни нӯздаҳум бармегардад, аммо романтизм пас аз поёни ҷанги ҷаҳонӣ бисёр густариш ёфта буд.

Боби охири диссертатсия **“Давраи Премчанд ва ташаккули жанри ҳикоя”** унвон дошта, шомили ду фасл аст. Дар фасли аввал – **“Реализм дар ҳикояи урду”** муаллиф ба Премчанд ва реализм дар кори ӯ ва таъсири ин раванд бар кори соири нависандагони урдузабон мепардозад.

Фасли дувум – **«Тамоюли нав аз нигоҳи нависандазанон дар адабиёти урду дар мисоли Қурратулъан Ҳайдар, Исмат Чиғатоӣ ва Масрур Ҷаҳон»** унвон дошта, ки ба ҳикояҳои нависандазанони адабиёти урду ва дидгоҳҳои онҳо дар мавриди зиндагии мардуми одӣ мепардозад. Дар ин фасл нишон

дода шудааст, ки Анҷумани “Сатҳ” аз ҷойгоҳи вижае дар пешрафти ҳикоя бархӯрдор аст ва исми зиёде аз нависандагон, ки ҳадафи таълифоти хешро ғояҳои тараққихоҳона қарор додаанд, ёдовар шудааст.

Фаслҳои ин диссертатсия ба сурате пай дар пай қарор гирифтаанд, ки хонанда дар ҷараёни таърихии рушду таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду қарор мегирад. Хулласи калом, бояд гуфт, ки таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду ҳанӯз объекти омӯзиши адабиётшиносии тоҷик нагардидааст. Муаллиф ба ҳадафи асосии таҳқиқот, ки иборат аз омӯзиши ҳамаҷонибаи жанри ҳикоя дар адабиёти урдува таҳқиқи таърихи таҳаввули он будааст, муваффақ гаштааст.

Диссетатсияи Ҷӯраева Замира Гулямовна дар мавзӯи “Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду” таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) мебошад.

**Директори Институти илмҳои гуманитарии**
**ба номи академик Б.Искандарови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илми филология Қаландариён Ҳоким Сафар**

**15.01.2021**

**Нишонӣ:**
**736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ,**
**ш.Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров 4.**
**Почтаи электронӣ: hokim_k@mail.ru**
**Телефон: (+992) 93 489 26 26**

**Имзои Қаландариён Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти илмҳои гуманитарии**
**ба номи академик Б.Искандарови АМИТ Назаршоева Ч.Р.**

ШУЪБАИ КАДРҲО